**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмҳои доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. –Забони тоҷикӣ. – Душанбе 2024. –390 саҳ.**

Омӯзиши вижагиҳои калимаҳои шева ва лаҳҷаҳои мухталифи забони тоҷикӣ муҳим ва саривақтӣ буда, баррасии хусусиятҳои луғавию семантикӣ, этнолингвистӣ ва услубии шеваю лаҳҷаҳо ба мо имкон медиҳад, ки бо урфу одат, расму таомул, қабатҳои истилоҳоту вожагони хунармандӣ, мавқеи вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ифодаи соҳаи ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ шинос шавем. Мавзуи интихобнамудаи диссертант метавонад ба масъалаи этнолингвистикаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ мусоидат намояд.

**Навгонии диссертатсияи** мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои этнолингвистикаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия ба таври дақиқ ҷанбаҳои ташаккул ва такомули ин қабати лексикӣ, дар асоси омилҳои таърихӣ, этнографӣ, тағйирот ва таҳаввулоти ин қабати лексика дар лаҳҷаҳои Ҳисор ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Абдуллоева Г.З. мубрам ва саривактӣ буда, дар забоншиносии тоҷик то ҳол пурра ва ҳаматарафа мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Мавзуи диссертатсия масъалаи омӯхтанашудаи забони тоҷикиро дар бар мегирад. Маводи таҳлилшуда аз маводи лаҳҷаҳои водии Ҳисор ҷамъоварӣ гардида, бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Вобаста ба ин, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ комилан **мутобиқат мекунад.**

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи диссертатсионӣ** ба микдори муайяну кофии маводи таҳқиқ, эътимоднокии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқияти маълумоти илмӣ, таҳлили забонии маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ вобаста мебошад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар 11 банд нишон дода шуда, мақсад, вазифаҳо ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифтаанд. Хулосаҳои муаллиф мухтавои таҳқикро ба таври мушахас инъикос кардаанд. Дар диссертатсия ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносӣ, таснифоти этнолингвистӣ ва

мавзуии вожаҳои соҳаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ, дараҷаи истифодаи вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ, вожаҳои таърихӣ ва куҳнашуда дар лаҳҷаи водии Ҳисор муайян карда шудааст. Инчунин ҳангоми таснифоти мавзуии вожаҳои соҳаҳои ҳунармандӣ муҳаққиқ онҳоро ба 9 гурӯҳ тасниф намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст: вожагони ифодакунандаи соҳаҳои чармгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, сохтмон, дӯзандагӣ, бофандагӣ, зебу зинат ва ороишоти занон, пазандагӣ ва қаннодӣ, пазандагӣ, номвожаҳои ҷуғрофии ин соҳа. Инчунин муҳаққиқ вожагони ҳунармандӣ ва маиширо аз ҷиҳати баромад ба калимаҳои аслӣ, арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ гурӯҳбандӣ намуда, таҳлил ва баррасӣ намудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионии** мазкур дар он таҷассум меёбад, ки этнолингвистикаи вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ бори аввал ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ, ташаккул ва таҳаввулот ва эҳёи ин қабати лексика, инчунин вижагиҳои хоси вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии лаҳҷаҳои водии Ҳисор метавонад ба масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик, этнолингвистика ва таърихи забон кумак расонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, луғатшиносӣ, истилоҳшиносӣ, инчунин таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ доир бо луғати шеваҳо, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шевашиносии тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** аз муқаддима, чор боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима, ихтисораҳои истилоҳоти соҳавӣ ва диалектологӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 390 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар муқаддимаи кор мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дарачаи азхудкунии он, заминаҳои назариявию методологии рисолаи илмӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекту мавзуи таҳқиқот, усулҳо, марҳилаҳо ва соҳаи таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсияро ба таври мушаххас баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия-**“Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика”** унвон дошта, аз панҷ фасл ва хулоса иборат аст.

Дар фасли якум- **“Ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир ”** доир ба шарҳу тафсири вожаи этнолингвистика аз ҷониби донишмандон, пайдоиши этнолингвистика, андешаҳои муҳаққиқони ин соҳа, муҳиммияти омӯзиши вожагони этнолингвистӣ дар забоншиносии хориҷ, хусусан рус мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли дувум **“Робитаи забон ва фарҳанг”** ном дошта, дар мавриди маънои этнолингвистии фарҳанг ва вижагиҳои он сухан меравад.

Фасли сеюми боби якум- “**Омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ”** унвон дошта, аз ду зерфасл иборат мебошад. Дар ҳар ду зерфасл доир ба баррасии лаҳҷаҳо аз ҷониби муҳаққиқон ва андешаҳои онҳо дар ин хусус баҳс меравад. Дар фасли чорум – **“Региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ”** , ки аз ду зерфасл иборат аст, дар зерфасли якум мавриди истилоҳи региолект ва андешаҳои донишмандон ба ин истилоҳ сухан меравад. Зерфасли дувуми ин фасл “**Хусусиятҳои фарққунандаи региолектизмҳо аз диалектизмҳо”** бахшида шуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо нишон дода шудааст.

Фасли панҷум **“Региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор”** унвон дошта, дар ин фасл истифодаи региолектҳои ин минтақа ва истифодаи онҳо баррасӣ гардидааст. Фасли шашум **“Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисор”** доир ба робитаи этнолингвистика ва фолклор баҳс мекунад.

Боби дуюми рисола “**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**» номгузорӣ шуда, аз нуҳ фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи чармгарӣ**» (98-107) унвон дошта, ба масъалаи баррасии хусусиятҳои калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ маводи гирдовардаашро ба зергурӯҳҳо:**вожаҳои марбут ба ҳунари сурфадӯзӣ ва вожаҳои марбут ба ҳунари кафшдӯзӣ** ҷудо намуда, мавриди таҳлил қарор додааст.

Фасли дуюми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи кулолӣ» (108-114)** номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои этнолингвистии вожагони соҳаи кулолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи оҳангарӣ**»(115-122) ба пажуҳишу омӯзиши вожаҳои соҳаи оҳангарӣ равона карда шудааст. Муҳаққиқ вожаҳои ин гурӯҳро аз ҷиҳати семантика ба панҷ гурӯҳ тасниф намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Фасли чоруми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи сохтмон**» номгузорӣ шуда, вожагони марбут ба ин соҳа ба чор гурӯҳ даврабандӣ шуда, хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои сохтмон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли панҷуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи дӯзандагӣ**» унвон дошта, дар он вожагони хунари дӯзандагӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Фасли шашуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи бофандагӣ**» унвон дошта, калимаву истилоҳоти соҳаи бофандагӣ аз ҷиҳати семантика дар ду зерфасл мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар фасли ҳафтуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи зебу зинат ва ороишоти занон**» вожаю истилоҳоти ифодакунандаи ҳунари заргарӣ ва ороиши занон ба се тасниф карда шуда, мавриди барасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли ҳаштуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи пазандагӣ ва қаннодӣ**» унвон дошта, калимаву истилоҳоти ин соҳа ба ду гурӯҳ даврабандӣ шуда, таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Фасли нуҳуми боби дуюм «**Номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд**» номгузорӣ шуда, ҷойномаҳо водии Ҳисор таҳлил ва таҳқиқ шудаанд. Хулосаи боби дуюм дар 20 банд зикр ёфтааст.

Боби сеюм «**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор**» унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби сеюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ**» вожагони соҳаи зироаткорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муҳаққиқ вожагони ин соҳаро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудааст: **Номи ашхоси зироаткор:** *зироаткор*, *киштукорчӣ, обчакор* (деҳқон) ва ғайра; **Калимаву истилоҳоти соҳаи ғаллакорӣ**: гандуми *зафар, гандуми ватан, гандуми басирбой, гандуми москвич, гандуми жагра* (навъҳои гандум) **; Вожагони соҳаи шоликорӣ:** *лойшан* (замини шолиро ба лойоб табдил додан), *мирзодавак* (дар пали шолӣ барои мустаҳакам шудани решаҳои шолӣ давидан), *ҷоми қурбоқағундорӣ* (гирифтани обзабзҳо аз пали шолӣ) ва ғайра.

Фасли дуюми боби мазкур «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ**», ба омӯзиши калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ бахшида шудааст.

Фасли сеюми боби сеюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи чорводорӣ**» ном дошта, ин гурӯҳи калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ ба се гурӯҳ тасниф гардида, мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Фасли чоруми боби сеюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи моҳидорӣ**» номгузорӣ шуда, доир ба навъҳои моҳӣ, номи асбобҳои моҳидорӣ

бахшида шудаанд. Фасли панҷуми боби сеюм «**Вожагони ифодакунандаи соҳаи занбӯрпарварӣ**» номгузорӣ карда шуда, вожаҳои марбут ба ин соҳа мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли шашум «**Вожаҳои ифодакунандаи соҳаи тиб**» номгузорӣ карда шуда, дар он истилоҳоти тиббӣ, хусусан, калимаҳое, ки номи бемориҳоро ифода мекунанд, дар ин гӯйишҳо хусусияти лаҳҷавӣ касб намудаанд баррасӣ гардидаанд.

Фасли ҳафтуми боби сеюм «**Вожагони ифодакунандаи номи бозиҳо**» унвон гирифта, вожагони ин фасл ба се гурӯҳ ҷудо гардида, аз ҷиҳати маъно таҳлил шудаанд.

Фасли ҳаштуми боби дуюм «**Вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ**» доир ба муайян намудани хусусиятҳои этнолингвистӣ ва лаҳҷавии ин гуруҳи калимаҳо баҳс мекунад.

Боби чоруми рисола **«Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор»** номгузорӣ карда шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якум «**Решашиносии вожагон»** решаи калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ки хоси гӯйиши мардумони водии Ҳисоранд, муайян карда шудааст.

**Хулосаю** натиҷагириҳои муаллифи дессертатсия ба далелҳои муътамади забонӣ асос ёфтаанд. Онҳо аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ баромада, дар 28 банд ҷамъбаст гардидаанд.

**Ба сифати сарчашмаҳои таҳқикро** нутқи гуфтугӯйии мардумони водии Ҳисор ташкил медиҳанд, ки таҳлилу хулосаҳои муаллифи диссертатсияро тақвият додаанд.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф** дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, дар рушди минбаъдаи илми этнолингвистикаи тоҷик нақши муҳим мегузоранд.

Аз мутолиаи онҳо маълум мешавад, ки муҳаққиқ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсияи Абдуллоева Г.З. чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнату кӯшиши зиёд ба мақсад расидааст.

Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоева таҳти унвони «Таҳқиқоти этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи этнолингвистика мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия таҳлили лингвистӣ кам мушоҳида мегардад ва бештар хусусияти назариявӣ дорад.
2. Дар диссертатсия қолабҳои истифодаи бемавқеъ ва нодурусти вожаву иборахо мушоҳида гардидаанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст: таҳқиқотҳо саҳ, 43, даст задан 44, 52, 52, 59,
3. Дар ҷумлаи "Ин донишманд дар таҳқиқи кардаи хеш ... " ибораи **таҳқиқи кардаи хеш** ғалат буда, ба ҷойи он таҳқиқот ё пажуҳишаш истифода мегардид, беҳтар буд. Чунин ҷумлаву ибораҳо дар саҳифаҳои дигари диссертатсия ба мушоҳида расиданд. Саҳ. 53, 61(Воқеан, ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки дар Донишгоҳи шаҳри Томски Россия ба ин масъала ҷиддитар назар меафкананд). Таркиби **назар меафкананд** бо мазмуни ҷумла ягон иртиботе надорад.
4. Дар диссертатсия баъзе маълумотҳои таърихие ба назар мерасанд, ки ба мавзуъ ягон иртиботе надоранд. Саҳ. 71.
5. Дар саҳифаи 76 ба андешаи муҳаққиқ вожаҳои **рафида, ҳезум, чалла, угро, нофармон, обгирак, кулба чалчиқ** бо таъсири региолект ва гуйиши мардуми водии Ҳисор ба мардуми кавол гузаштааст, нодуруст аст,ин вожаҳо дар минтақаҳои ҳам шимол ва ҷануб дар истифодаанд.
6. Фасли шашуми боби якум «**Вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории водии Ҳисор**» ба мавзуи адабиётшиносӣ мансуб аст, ин ҷо зарурате надорад.
7. Дар рисола калимаву истилоҳоти ҳунармандӣ аз ҷиҳати сохтор мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд, кор бештар ҷанбаи забоншиносӣ мегирифт.

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои заруриро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ

дар самти таҳқиқоташ **хуб** огоҳӣ дорад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоева таҳти унвони **«Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор»** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
Ба номи Абуалӣ ибни Сино” Низомова Санобар Фахриевна
Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com
Сана: 15.04.2024.

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино”, н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Изатуллоевич

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj
Сана: 15.04.2024.